# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Шарифзода Файзигул Шариф дар мавзуи «Истифодаи воситаҳои иттилоотию технологияи инноватсионии таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.1. Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот. – Душанбе, 2026. – 207 с.**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионии довталаби дараҷаи илмӣ Шарифзода Файзигул Шариф дар мавзуи «Истифодаи воситаҳои иттилоотию технологияи инноватсионии таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар заминаи Феҳристи ихтисосҳои кормандони илм аз рӯйи ихтисос дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидааст, иҷро карда шуда, ба талаботи шиносномаи ихтисоси илмии 5.3.1. Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот, аз ҷумла, ба банди 3 – «Антропологияи педагогӣ» (низомҳои /шароитҳои/рушди шахс дар ҷараёни таълим, тарбия, таҳсилот;), банди 4 – «Назария ва консепсияи таълим» (қонуниятҳо, принсипҳои таълими бачагон дар давраҳои гуногуни бавоярасии онҳо; навъҳо ва амсилаҳои таълим, ҳудудҳои истифодаи онҳо; технологияҳои таълим; консепсияҳои таҳияи таъминоти таълимию методии раванди таълим ва воситаҳои таълим;), банди 6 – «Консепсияҳои таҳсилот (технологияи ташаккул ва рушди муҳити таълим; равандҳои инноватсионӣ дар таълим) мутобиқат мекунад.

Муҳтаво ва равиши таҳқиқот низ ҷавобгӯйи талабот ва меъёрҳои муайяннамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аст. Бояд зикр кард, ки таҳқиқ дар доираи шиносномаи ихтисоси мазкур тамоми унсурҳои зарурии назариявӣ ва амалӣ, аз ҷумла, методологияи таҳлил ва таҳқиқоти муқоисавиро фаро гирифтааст. Диссертант дар кори илмии худ ба баррасии васеи адабиёти назариявӣ ва таърихӣ пардохта, асосҳои назариявии мавзуъро ҳамаҷониба тавзеҳ додааст.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Муаллифи диссертатсия дар таҳқиқоти худ масъалаҳои назариявӣ, амалӣ ва методии истифодаи воситаҳои иттилоотию технологияи инноватсионии таълимро дар муасиссаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор додааст.

Дар замони муосир, таҳсилот яке аз омилҳои умдаи муҳимми ташаккули шахсияти комил ба ҳисоб меравад. Баҳри рушди маҳорат, қобилият ва малакаҳои маърифатии хонандагони муассисаҳои таълимӣ истифодаи

самараноки воситаҳои иттилоотию технологияи инноватсионӣ нақши аввалиндараҷа ва муҳимро мебозад.

Муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ таъкид ба амал овардааст, ки: «Аҳамияти таҳқиқи қобилиятҳои эҷодии хонандагон дар ҳалли мушкилоти ҷустуҷӯи роҳҳои нави ташкили раванди таълимӣ-тарбиявӣ ифода меёбад, ки ба рушди эҷодӣ ва истифодаи ғайристандартии донишҳо мусоидат мекунанд. Рушди онҳо барои хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ҳам барои зиндагӣ ва ҳам азхудкунии касб муҳим аст, аз ин рӯ, омӯзгорон бояд ба он аҳамияти ҷиддӣ диҳанд.

Тавре ки унвонҷӯй аз баргузории таҷрибаҳо дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ муайян кардааст, истифодаи воситаҳои иттилоотию технологияи инноватсионӣ дар фаъолияти таълимии хонандагон пурра ҳалли худро наёфтааст, яъне ба таври бояду шояд коркард ва таҳия нашудааст. Илова бар ин, унвонҷӯ дар натиҷаи таҳқиқот мушаххас намудааст, ки дар баъзе муассисаҳои таълимӣ воситаҳои иттилоотию технологияи инноватсионӣ ба таври кофӣ дар амал мавриди истифода қарор дода нашудааст, ки боиси суст инкишофёбии гардидани салоҳиятҳои амалӣ, маърифатӣ ва зеҳнии хонандагон мегардад.

Муаллифи диссертатсия иброз кардааст, ки истифодаи воситаҳои иттилоотию технологияи инноватсионии таълим, лоиҳаҳо ва захираҳои интернетӣ ба рушди малакаҳои асосии хонандагон мусоидат мекунад. Ин усулҳо таълимро ҷолиб ва азхудкунии амиқро таъмин мекунанд. Масалан, муҳокимаҳои гурӯҳӣ ва бозиҳои нақшӣ тафаккури интиқодӣ ва ҳамкориро инкишоф медиҳанд. Захираҳои интернетӣ дастрасиро ба маълумот васеъ карда, малакаҳои таҳқиқотиро тақвият медиҳанд. Ин омезиш тафаккур, мутобиқшавӣ ва омодагии доимиро дар донишҷӯён ташаккул медиҳад, ки дар ҷаҳони муосир муҳим аст.

Хулоса, аз як ҷониб, мубрамӣ, аҳаммияти илмию назариявӣ ва амалии масъалаи баррасишаванда ва, аз ҷониби дигар, мавҷуд набудани таҳқиқот дар самти истифодаи воситаҳои иттилоотию технологияи инноватсионии таълим, интихоби мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Шарифзода Файзигул Шарифро асоснок менамоянд.

**Дараҷаи навгонии илмии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Кори довталаб дорои навгонии баланди илмӣ мебошад, ки онро дар якчанд ҷанбаи муҳим метавон арзёбӣ кард. Муаллиф тавассути таҳқиқи масъалаи истифодаи васеи воситаҳои иттилоотию технологияи инноватсионии таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, дар илми педагогикаи муосир саҳми назаррас мегузорад.

Навгонии илмии таҳқиқот дар муқаррар намудани аҳамияти салоҳиятҳои калидии хонандагон ва зарурати истифодаи васеи воситаҳои иттилоотию технологияи инноватсионии таълим зуҳур меёбад. Таъкид мегардад, ки истифодаи воситаҳои иттилоотию технологияи инноватсионии таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ аҳамияти хоса дошта, абзорҳои педагогӣ бояд ба хусусиятҳои салоҳиятҳои асосӣ мувофиқ бошанд. Ҳамчунин, зарурати ба инобат гирифтани вазъиятҳои мушаххаси педагогӣ ва дастгирии методӣ таъкид шуда, исбот карда мешавад, ки истифодаи воситаҳои иттилоотию технологияи инноватсионии таълим муҳити мусоиди фаъолияти муштаракро фароҳам оварда, самаранокии раванди таҳсилотро баланд мебардорад.

Зеро муҳаққиқон қайд мекунанд, ки истифодаи воситаҳои иттилоотию технологияи инноватсионии таълим имконият медиҳад, ки ба таври инфиродӣ муносибат кардан ба хонандагон, баланд бардоштани дараҷаи ҷалби онҳо ба раванди таълим ва таъмини дастрасии дониш ва захираҳои таълимӣ дар вақти дилхоҳ таъмин карда шавад. Аз ҷумла, истифодаи платформаҳои таълимии интерактивӣ, воситаҳои ҳамкори маҷозӣ ба рушди салоҳиятҳои муҳим, аз қабили тафаккури интиқодӣ, ҳалли масъалаҳо ва ҳамкорӣ мусоидат мекунанд Ҳамзамон, таъкид мешавад, ки барои самаранок истифода бурдани воситаҳои иттилоотию технологияи инноватсионии таълим, омӯзгорон бояд дорои салоҳиятҳои касбии зарурии иттилоотию технологӣ бошанд ва аз усулҳои муосири таълим бо истифода аз технологияи инноватсионии таълим огоҳ бошанд. Истифодаи истифодаи воситаҳои иттилоотию технологияи инноватсионии таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ имкон медиҳад, ки хонандагонро барои ҳаёт дар ҷомеаи иттилоотӣ ва иқтисоди рақамӣ омода созем.

Навгониҳои асосие, ки аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ дар шаш банд пешниҳод шудаанд, дар баробари бархурдорӣ аз тозагӣ, муҳимму мубрам будан, инчунин, ҷусторҳову ковишҳои дақиқи муаллифи диссертатсияро шарҳу тафсир мекунанд, ки дар асоси мутолиаи пурра ва амиқи осори мавриди таҳқиқи ӯ ба даст омадаанд. Зеро ба таъкиди муаллифи диссертатсия истифодаи васеи воситаҳои иттилоотию технологияи инноватсионии таълим, бахусус дар ташаккул ва рушди салоҳиятҳои асосии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, як самти муҳимми пешрафти низоми таълим ба шумор меравад.

Дар ташаккул ва амалисозии амсилаи педагогӣ, нақши омӯзгор ҳамчун омили муайянкунанда арзёбӣ мешавад. Дараҷаи маҳорати омӯзгор дар иҷрои вазифаҳои идоракунӣ, ташкилӣ, методӣ ва дигар вазифаҳо ба сифати раванди таълим таъсири бевосита мерасонад. Муҳим аст, ки дастгирии методии воситаҳои иттилоотию технологияи инноватсионии таълим дар раванди ташаккул ва рушди салоҳиятҳои асосии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти

миёнаи умумӣ бо усули универсалӣ, касбият, мубрамӣ, маҷмуӣ ва муназзамӣ амалӣ карда шавад. Ин дастгирӣ бояд ҳамаҷониба буда, тамоми ҷанбаҳои азхудкунии салоҳиятҳои калидии хонандагонро фаро гирад.

Дар рисола бори нахуст ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии воситаҳои иттилоотию технологияи инноватсионии таълим аз нигоҳи дидактикӣ таҳия шудааст. Ин гузориш нишон медиҳад, ки муҳаққиқ на танҳо ба масъалаҳои назариявӣ, балки ба татбиқи амалии натиҷаҳои бадастомада низ таваҷҷуҳ зоҳир намудааст.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Диссертатсияи Шарифзода Файзигул Шариф дар мавзуи «Истифодаи воситаҳои иттилоотию технологияи инноватсионии таълим дар муасиссаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз нигоҳи эътимоднокӣ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ дар сатҳи баланд қарор дорад. Таҳқиқоти пешниҳодшуда аз нуктаи назариявӣ ва методологӣ ҷиҳати муққарарот бо асоснокии худ мувофиқ, бо мавзуъ ва предмети таҳқиқот комилан муносиб буда, ба истифодаи самараноки воситаҳои иттилоотию технологияи инноватсионӣ дар рушди фаъолияти таълимии хонандагони муасиссаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мусоидат мекунанд.

Довталаби дараҷаи илмӣ таҳқиқоти диссертатсионии худро ҷиҳати асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия дарҷгардида чунин исбот кардааст: «натиҷаи корҳои таҷрибавӣ - озмоиширо тариқи омӯзиш, таҳлил ва ҷамъбаст бо истифода аз маҷмуи методҳо, ки аз мақсаду вазифаҳои таҳқиқот бо пурра кардани методикаҳои гуногун дар такя бо таҷрибаи ҳосилшуда дар фаъолияти таълимиву тарбиявии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ҳангоми гузаронидани чорабиниҳои таҷрибавию озмоишӣ бар меоянд, ба даст овардааст; корҳои таҷрибавӣ - озмоишӣ ба санҷишу арзёбӣ ва муқоисакунии маълумоти бадастомада оид ба ташкили раванди истифодаи самараноки воситаҳои иттилоотию технологияи инноватсионӣ дар раванди таълими муасиссаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ то озмоиш ва баъди озмоиш асос ёфтааст; асоснокии натиҷаҳои таҳқиқотро дар муқаррарот ва хулосаву тавсияҳо ифода гардида ва онро ҳамчун муносибати маҷмуӣ оид ба мушкилот, шоистагии усули таҳқиқот, мақсаду вазифаҳо, ҳамбастагии усули сифатӣ ва миқдории таҳқиқот ва корҳои таҷрибавию озмоишӣ ташкил додааст».

Натиҷаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ бар пояи таҳлили амиқ ва ҳамаҷонибаи мушкилоти мавҷуда асос ёфтаанд. Ин таҳлил бо истифода аз нуқтаҳои назари таҳқиқоти бунёдии психологию педагогӣ ва методологӣ анҷом дода шудааст, ки ба таври мукаммал дарки масъала ва роҳҳои ҳалли онро фароҳам меорад. Натиҷаҳои бадастомада бо муваффақият дар фаъолияти амалии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ҷорӣ карда шудаанд. Ин нишон

медиҳад, ки таҳқиқот на танҳо аз ҷиҳати назариявӣ асоснок аст, балки дар амал низ самарабахш мебошад.

Навгонии илмӣ, ҳамчунин, дар тасвияти хулосаҳои мубрам ва мувофиқати онҳо ба шароити воқеии таълим зоҳир мегардад. Хулосаҳо на танҳо арзиши назариявӣ доранд, балки ба эҳтиёҷоти амалии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ҷавобгӯ мебошанд ва барои беҳтар намудани сифати таълим мусоидат мекунанд.

Арзиши баланди таҳқиқот дар он аст, ки он ба таври амиқ ва ҳамаҷониба масъалаи муҳимро омӯхта, усулҳои муосири таҳқиқотиро истифода бурда, дар амал натиҷаҳои мусбат нишон додааст.

Аз ин рӯ, бо дарназардошти ҳамаи ин омилҳо, метавон хулоса кард, ки натиҷаҳои дар диссертатсияи Шарифзода Файзигул Шариф бадастомада эътимоднок, дуруст ва ба таври кофӣ асоснок мебошанд. Онҳо метавонанд ҳамчун заминаи боэътимод барои таҳияи барномаҳои таълимӣ, дастурҳои методӣ ва таҳқиқоти минбаъда дар соҳаи педагогика ва илми кишвар хидмат кунанд.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Дар муқаддима аҳаммияти мавзуи таҳқиқшаванда асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши он арзёбӣ гардида, объекту мавзуи таҳқиқот, ҳадафу вазифаҳои он, асосҳои назарию методологӣ, навгониҳои илмӣ ва аҳаммияти назарию амалии он муайян карда шудаанд.

Диссертатсияи Шарифзода Файзигул Шариф дар мавзуи «Истифодаи воситаҳои иттилоотию технологияи инноватсионии таълим дар муасиссаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар ҳаҷми 207 саҳифа бо сохтори иборат аз муқаддима, 3 боб, 6 зербоб, хулоса, рӯйхати адабиёт иборат аз 227 номгӯй, 4 расм, 15 диаграмма ва 23 ҷадвал таҳия гардидааст.

Асосҳои методологӣ, марҳилаҳо ва усулҳои таҳқиқот муайян шуда, навоварӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ифода ёфтаанд. Довталаби дараҷаи илмӣ кӯшиш кардааст, ки тамоми таҳқиқоти пешинро, ки ба мавзуи мавриди баррасӣ иртибот доранд, ҷудогона тасниф намуда, муҳтавои онҳо ва мавқеи ҳар як пажуҳишро дар робита ба масъалаи таҳқиқ муайян ва ошкор созад.

Боби якум «Асосҳои назариявӣ-методологии истифодаи самараноки воситаҳои иттилоотию технологияи инноватсионӣ дар фаъолияти таълимии хонандагон» номгузорӣ гардида, аз ду зербоб иборат мебошад. Зербоби якум «Асосҳои назариявии сатҳи истифодаи самараноки воситаҳои иттилоотию технологияи инноватсионӣ дар фаъолияти таълимии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» ва зербоби дуюм «Қисматҳои самаранокии низоми таълим ва муносибгардонии он ба истифодаи восоити иттилоотӣ ва

технологияи инноватсионӣ дар фаъолияти хонандагон» номгузорӣ карда шудааст.

Дар боби мазкур қайд гардидааст, ки барои педагогикаи ватанӣ истилоҳи «воситаҳои иттилоотию технологияи инноватсионӣ» нисбатан нав ба назар мерасад, зеро он камтар аз ним аср пеш маъмул гардида, мавзуи омӯзиш қарор гирифта буд. Имрӯз аҳамияти амалии истифодаи самараноки он ва таъсири онҳо ба ҷанбаҳои гуногуни фаъолияти ҳаётии инсон аллакай аён аст. Ин бори дигар мубрамии мавзуи муайяншудаи таҳқиқоти диссертатсиониро тасдиқ мекунад. Ҳамчунин, нуқтаи назар ва мавқеъҳои гуногуни олимон – омӯзгорону психологҳо мавриди таҳлил карор дода шудааст, ки мавзуи таҳқиқ салоҳиятҳои асосӣ, моҳият ва вижагиҳои онҳо мебошад.

Боби дуюм ки «Мавқеъ ва нақши истифодаи самараноки воситаҳои навоварӣ (инноватсионӣ) дар барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсӣ» ном дорад. Баъзе тавсифоти беназири психологию педагогии барномаҳое, ки ба меъёрҳои низоми таҳсилот бо истифода аз воситаҳои иттилоотӣ ва технологияҳои инноватсионӣ ҷавобгӯ мебошанд ва дар омодасозии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ нақши муҳимро мебозанд дар боби мазкур ба таври муфассал мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Аз он ҷумла, муаллиф ворид намудани технологияҳои иттилоотиро ба раванди таълим ҳамчун вазифаи аввалиндараҷа дар барномаҳои таълимии муассисаҳои тахсилоти миёнаи умумӣ баррасӣ кардааст. Иброз карда шудааст, ки «иҷрои бомуваффақияти барномаҳо, инчунин, таъмин намудани дастрасии таҷҳизот ва аёниятҳои мувофиқро дар муассисаҳои таълимӣ тақозо мекунад. Ин раванд метавонад, маблағгузории молиявиро аз муассисаҳои таълимӣ ё ҳукумат барои таъмини захираҳои зарурӣ барои омӯзиш бо истифода аз технологияҳои муосир талаб кунад. Инчунин, фардикунонии таълим дар раванди технология ба воситаи методҳои интерактивӣ, платформаҳо, таълими онлайн ё нақшаҳои омӯзиши фардӣ ба роҳ монда мешавад». Боби мазкур аз ду зербоб иборат мебошад.

Зербоби якум «Ташкил ва амалисозии барномаҳо тибқи талаботи низоми таҳсилоти миёнаи умумӣ оид ба истифодаи самараноки васоити иттилоотӣ ва технологияи инноватсионӣ дар фаъолияти таълимии хонандагон» номгузорӣ гардидааст.

Зербоби дуюм ба таҳлили «Истифодаи тарзу усулҳои самарабахши омӯзиш дар фаъолияти хонандагон тавассути мониторинг» бахшида шудааст. Дар ин зербоб муаллиф зикр кардааст, ки «мониторинг падидаи нави муҳим ва мушкил дар педагогикаи муосир аст. Таҳқиқотҳои илмии даҳсолаи охир мавқею мақоми мониторингро эҳё карда, дар рушди илми педагогикаи муосир онро пойдор мегардонад». Мақсади калидии ин зербоби таҳқиқот муайян

кардани усулҳои самараноки таълим мебошад. Ин усулҳо барои иштироки фаъоли хонандагон, баланд бардоштани таъмини дарки амиқи мазмуни таълим ва ташаккули малакаҳои зарурӣ барои мутобиқшавии бомуваффақият дар ҷомеаи муосир мавқеи махсусро ишғол мекунанд.

Боби сеюми диссертатсия ба корҳои таҷрибавӣ-озмоишии истифодаи самараноки васоити иттилоотӣ ва технологияи инноватсионӣ дар фаъолияти таълимии хонандагони муасиссаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бахшида шудааст. Ин боб истифодаи самараноки васоити иттилоотӣ ва технологияи инноватсиониро зимни баргузории корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ дар фаъолияти таълимии хонандагони муасиссаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ амиқтар таҳлил мекунад ва аз ду зербоб иборат аст.

Муаллифи диссертатсия дар зербоби якуми боби 3 тавсифи методҳои таҳқиқотӣ-педагогии истифодаи самараноки васоити иттилоотӣ ва технологияи инноватсиониро дар фаъолияти таълимии хонандагон таҳлил кардааст.

Дар зербоби дуюм бошад, унвонҷӯйи дараҷаи илмӣ ба масъалаи баҳогузорӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои бадастомадаи корҳои озмоишии истифодаи самараноки васоити иттилоотӣ ва технологияи инноватсионӣ дар фаъолияти таълимии хонандагон таваҷҷуҳ зоҳир карда, ин масъаларо мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Ба андешаи мо, тавсифи муфассали озмоиши ташкилнамудаи муаллиф хеле арзишманд аст. Муаллиф қисми озмоишии таҳқиқотро бо расм, диаграмма ва ҷадвалҳо ғанӣ гардонидааст, ки бисёр аҳаммиятнок буда, натиҷаи корҳои озмоиширо ба таври аёнӣ нишон медиҳад. Натиҷаҳои корҳои озмоишии дар диссертатсия тавсифшуда оид ба самаранокӣ ва мувофиқи мақсад будани истифодаи корҳои анҷомдодашуда дар фаъолияти амалӣ шаҳодат медиҳанд.

Хулоса аз 8 банд иборат буда, тавсияҳои амалӣ оид ба натиҷаҳои таҳқиқот хеле арзишманд мебошанд.

Унвонҷӯйи дараҷаи илмӣ Шарифзода Файзигул Шариф ба хулосае омадааст, ки истифодаи воситаҳои иттилоотию технологияи инноватсионии таълим хеле муҳим буда, бояд дар раванди таълиму тарбия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ карда шаванд.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии диссертатсия.** Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии диссертатсия дар мавзуи «Истифодаи воситаҳои иттилоотию технологияи инноватсионии таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар он аст, ки таҳқиқоти мазкур ба назария ва амалияи педагогика дар шароити ҷаҳонишавии саноатӣ саҳми арзишманд мегузорад. Дар замони ҳозира, рушди воситаҳои иттилоотию технологияи инноватсионии таълим барои муваффақияти хонандагон дар таҳсил ва ҳаёти оянда ниҳоят муҳим аст. Аз ин рӯ, ин таҳқиқот

метавонад роҳҳои навро барои истифодаи самараноки воситаҳои иттилоотию технологияи инноватсионӣ дар раванди таълим пешниҳод намояд.

Аҳамияти илмӣ. Натиҷаҳои таҳқиқот ба рушди илми педагогика, бахусус самти назария ва методикаи таълиму тарбия, саҳми босазо мегузоранд, аз ҷумла:

- диссертатсия бори аввал методҳои таҳқиқоти педагогии истифодаи самаранокии воситаҳои иттилоотию технологияи инноватсионӣ дар фаъолияти таълимии хонандагонро коркард ва дар ҷараёни таълим татбиқ ва барои истифодаи амалӣ асоснок намудааст. Ин қадам як дидгоҳи навро дар педагогика пешниҳод мекунад, ки барои насли наврасу ҷавон муҳим аст.

Аз ҷиҳати амалӣ, натиҷаҳои диссертатсия метавонанд барои омӯзгорон, муаллимони фаннӣ, методистон ва кормандони соҳаи маориф дар таҳияи барномаҳои таълимӣ, воситаҳои таълимӣ, дастурҳои методӣ ва маводҳои таълимӣ истифода шаванд. Таҳия ва татбиқи воситаҳои иттилоотию технологияи инноватсионӣ дар таълим имкон медиҳад, ки раванди таълим ҷолибтар, фарогиртар ва мувофиқтар ба ниёзҳои хонандагони имрӯза гардад. Илова бар ин, таҳқиқот метавонад барои ташкили курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорон дар самти истифодаи воситаҳои иттилоотию технологияи инноватсионӣ дар таълим муфид бошад.

Аз лиҳози иқтисодӣ, истифодаи воситаҳои иттилоотию технологӣ дар таълим метавонад сарфаи маблағҳои давлатиро ба низом дарорад. Масалан, истифодаи китобҳои электронӣ ва манбаъҳои таълимии онлайн метавонад хароҷоти марбут ба чопи китобҳо ва дигар маводҳои таълимиро коҳиш диҳад.

Аз ҷиҳати иҷтимоӣ, таҳқиқот метавонад ба баланд бардоштани сатҳи саводнокии иттилоотии ҷомеа мусоидат намояд. Илова бар ин, истифодаи воситаҳои иттилоотию технологияи инноватсионӣ, ки ба фарҳанг ва забони маҳаллӣ мутобиқ карда шудаанд, метавонад эҳсоси ватандӯстиро дар байни хонандагон тақвият бахшад.

Хулоса, таҳқиқоти диссертатсионии Шарифзода Файзигул Шариф ба рушди устувори низоми таҳсилот тавассути воситаҳои иттилоотию технологияи инноватсионӣ мусоидат намуда, ба татбиқи муқаррароти Стратегияҳои миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 мусоидат хоҳад кард.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.**

Мавҷудияти интишороти зиёд аз рӯйи мавзуи диссертатсияи Шарифзода Файзигул Шариф дар мавзуи «Истифодаи воситаҳои иттилоотию технологияи инноватсионии таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон» гувоҳи фаъолияти баланди илмӣ-таҳқиқотӣ ва асоснокии натиҷаҳои бадастомада мебошад.

Махсусан, бояд қайд кард, ки нуктаҳои асосӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои таҳқиқот дар 15 мақолаи илмӣ ба табъ расидаанд. Аз ин теъдод, 9 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд.

Дар маҷмуъ, шумораи зиёд ва сифати интишороти Шарифзода Файзигул Шариф аз рӯйи мавзуи диссертатсия далели пуррагӣ, асоснокӣ ва аҳамияти илмӣ ва амалии таҳқиқоти ӯ буда, ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ ба таври комил мусоидат менамояд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия**.

Тартиби таҳияи диссертатсия мутобиқ ба талаботи Дастурамал оид ба барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаҳои илмӣ – доктори фалсафа (PhD), номзади илм ва доктори илм таҳия шудааст.

Матни диссертатсия мутобиқ ба муқаррароти Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, № 493 тасдиқ шудааст равон, дақиқ ва бо забони тоҷикӣ ба таври босаводона таҳия гардида, сохтори он, ҷойгиркунии қисмҳои гуногун, пайвасти мантиқӣ ва муттасилии маводи илмӣ пурра риоя шудааст.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Автореферат ва корҳои нашршудаи муаллифи диссертатсия ба дараҷаи кофӣ муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос мекунанд.

Бо вуҷуди баҳои мусбате, ки дар тақриз баён гардид, дар рисолаи мазкур баъзе камбудиҳо, ҳолатҳои баҳсталаб, ғалатҳои техникӣ, имлоӣ, оморӣ ҷой доранд, ки дар байни онҳо ҳолатҳои зеринро метавон ҷудо намуд:

1. Дар қисматҳои муайяни матн ифодаҳои такрорӣ ва ибораҳои умумии бе мазмуни таҳлилӣ дида мешаванд, ки таъсири зеҳнӣ ва фаҳмоии муҳтавои илмиро коҳиш медиҳанд.

2. Сатҳи истифодаи маълумоти оморӣ, ҷадвалҳо ва диаграммаҳо метавонад васеътар ва таҳлилгаронатар бошад.

3. Хуб мешуд, ки нишод дода шавад, ки чӣ гуна дастгирии методӣ ба омӯзгорон дар истифодаи воситаҳои иттилоотию технологияи инноватсионии таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушди иттилоотию технологияи инноватсионӣ дар таълим мусоидат мекунад.

4. Дар матни диссертатсия ва автореферат баъзе ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ вуҷуд доранд, ки ислоҳи онҳо ба манфиати кор мебошад.

Эродҳо ва камбудиҳои зикргардида, дар маҷмуъ аҳаммияти назарию амалии диссертатсияи мазкурро коста намекунанд ва ба мухтавои кор таъсири манфӣ намерасонанд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Шарифзода Файзигул Шариф дар мавзуи «Истифодаи воситаҳои иттилоотию технологияи инноватсионии таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.1. \Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод гардидааст, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 31,33,34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси номбаршуда мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи барномасозӣ ва низомҳои зеҳнии Донишкадаи технологияҳои рақамӣ ва зеҳни сунъии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

Мирзоев Абдулазиз Раҷабович

« 15 » июни соли 2026.

Суроға: 734064, Ҷумҳурии Тоҷикистон,ш. Душанбе, к. С. Шерозӣ, 29-45;
Тел. +992 200205225; Суроғаи электронӣ: aziz69@mail.ru

Имзои Мирзев Азиз Раҷабовичро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳои
ДТРЗС- и ДБССТ

Раҳматуллоева Ш.К.

« 15 » июни соли 2026.

Суроға: 734000, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Дустии Халқҳо, 94, Тел. +992 918636113; Суроғаи электронӣ: info@iutet.tj